# ХУЛОСАИ
## комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати раиси комисия – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Ҳ.У. аъзоёни комиссия – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Собирзода Н.М. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Улуғхоҷаева Х.Р. ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 22.02.2025, суратҷаласаи № 100[a] таъсис дода шудааст, диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарзро баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровард:

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Банақшагирии буҷет унсури асосии идораи давлатӣ дар самтҳои рушди умумимиллӣ ва маҳаллӣ буда, дар танзим ва идора намудани бахшҳои иқтисодиёти кишвар мақоми калидиро касб менамояд. Низоми самараноки буҷетикунонӣ, банақшагирии буҷет, мутавозунии он, ҳамчунин дуруст ба роҳ мондани фаъолияти буҷетӣ татбиқи равандҳои муосири самараноки ба буҷетикунонӣ мувофиқро талаб мекунад, ки айни замон яке аз низоми муосири дар таҷриба хуро нишон дода - буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд мебошад.

Аз таҷриба бармеояд, ки дар шароитҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои банақшагирии буҷетӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ ва рушди системаи банақшагирии буҷетӣ дар сатҳҳои гуногун яке аз масоили мубрам ба ҳисоб меравад, чун низоми муосири банақшагирии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз марказонидашуда боқӣ мемонад. Мушкилоти татбиқи самараноки равиши буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди соҳаҳо дар таҷрибаи мақомоти идоракунӣ ва роҳбарияти корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комил кушода наушда боқӣ мемонад ва меъёрҳои самаранокии онҳо муайян нашуда, омилҳои асосии монеъамешуда ба равандҳои татбиқи он ҷудо нагардида, самтҳои асосии мутобиқкунии ин равиш дар шароитҳои муосир барои корхонаҳо асоснок нашуда боқӣ мемонанд.

Дар ин замина коркарди методология, пайдо намудани роҳҳои рушди низоми буҷеткунонӣ талаб мекунад, ки коркарди методологии ҳалли масъалаҳои ба буҷетикунонӣ мутааллиқро ба миён гузорад, то ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва рушди бахшҳои иқтисодӣ мусоидат карда тавонад.

Бинобар ин, коркарди нокифояи назариявии муаммоҳои дар боло зикршуда ва эътибор надодан ба аҳамияти амалии он дар шароити муосир мубрамии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян менамояд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

3. Хулоса дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Дар таҳқиқоти илмӣ чунин натиҷаҳои аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ, ки маҷмӯи умумии онҳо дар рушди молиякунониии самтҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ моҳияти бениҳоят баланд доранд, пешниҳод гардидаанд. Таҳқиқоти илмӣ фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар соҳаи саноати кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

5. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, №349 ҳуқуқи қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот 12 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 7,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 6,4 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

7. Дар диссертатсияи Ҳанифаи Э.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровারда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37-и

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни диссертатсия 83,162 % аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст (маълумотномаи КОА). Иқтибосҳо ба расмият даровардa шуданд.

8. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҳанифаи Э.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест.

9. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва бандҳои 67, 69, 74 ва 75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ба ухда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

**- Шарифзода Баҳром Маҳмуд**- доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими илмии Шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**- Тӯхтаев Тӯхтабой Муқимович**- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарз, Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълони ҳимояи диссертатсия, ҷойгир намудани автореферат ва ҳуҷҷатҳо дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Умарво Х.У.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Собирзода Н.М.

13.03.2025

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Улуғхоҷаева Х.Р.